Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи “Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 31 саҳ.).

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Раззоқзода Тамкин Мурод бешубҳа мубрам ва аҳаммиятнок буда, ба рушди илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ равона гардидааст. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар сатҳи маҳаллӣ идораи давлатиро амалӣ намуда, ҳамчун сохтори амудии ҳокимияти иҷроия дар иҷрои қонунгузорӣ нақши ҳалкунанда дорад. Давлат ҷиҳати амалӣ намудани самтҳои фаъолияти ҳокимияти давлатӣ шароити мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам оварда, мақомоти ҳокимияти иҷроия, аз он ҷумла зинаи поёнии он, яъне мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия барои амалӣ намудани он масъул буда, барои ташкили амалӣ намудани он чораҷӯи менамоянд. Масоили ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, танзими давлатии муносиби ҳуқуқии фаъолияти мақомоти мазкур барои таъсири онҳо ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар таъмини иҷроиши Конститутсияи ҶТ, қонунҳо, қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, санадҳои Президенти ҶТ, Ҳукумати ҶТ, санадхои мақомоти намояндагии маҳаллӣ, беҳдошти вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии маҳал муҳим буда, ҳадафи давлат ва мақомоти он мебошад. Самаранокии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия барои бо ҳадаф ва матлуб иҷро намудани меъёрҳои қонун, ки дар татбиқи ҳуқуқи озодӣ ва кафолатҳои манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд аҳаммиятнок мебошад, алоқамандии калон дорад.

Муаллиф Раззоқзода Т.М. дар таҳқиқоти дисссертатсионии худ диққати хешро бештар ба ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, моҳият ва таъиноти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар низоми идораи давлатӣ, масоили асосҳои ҳуқуқии ташкили

сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳум ва таснифи мақомоти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳо марбут ба вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия, санадҳои ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои такмили ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бо назардошти омӯзиши ҷанбаҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии ин сатҳи мақомоти ҳокимияти иҷроия нисбат ба ҳолатҳои баҳснок ва норасоиҳои дар қонунгузорӣ мавҷудбуда баҳои асосноки ҳуқуқӣ дода, таклиф ва пешниҳодҳои асоснок манзур намудааст.

Муаллиф як қатор муқаррароти нави илмӣ, инчунин таклифҳои амалиеро пешниҳод намудааст, ки барои такмил ва ташкили фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд. Муқаррарот ва хулосаҳои таҳиянамудаи муаллиф дар омӯзиш ва такмили минбаъдаи масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомти мазкур аҳаммияти муҳимми илмӣ доранд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ҷойгир намуда, натиҷаҳои он пурра ва самараи таҳқиқотро ифода намудааст. Бе шубҳа метавон гуфт, ки натиҷаҳои таҳкиқоти анҷомдодашуда барои илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ ва идораи давлатӣ аҳаммияти мусбии назариявию амалиро соҳиб мебошад. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти дар рисола нишондодашуда пурра ба мавзуи он мувофиқат мекунанд. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда равшан ва дуруст тартиб дода шудаанд, ки аз дурустии таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар маҷмуъ, омӯзиши автореферати мазкур шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Раззоқзода Т.М. саривақтӣ ва мустақилона буда, хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқот бадастовардашуда метавонанд минбаъд дар рушду такмили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, яъне сатҳи маҳаллии идораи давлатӣ равона шудааст, мусоидат намуда, барои заминаи ҳуқуқӣ гузоштан, шароити мусоид фароҳам оварад. Нуқтаҳои баррасигардида ва дар заминаи онҳо хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, воситаҳо ва дастурҳо, тафсирҳо ва курсҳои такмили ихтисос барои шахсони манфиатдор, инчунин, барномаҳо ва курсҳои махсус дар факултетҳои ҳуқуқшиносии донишгоҳҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои марбут ба идораи давлати истифода бурда шаванд.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст,

вале дар баробари муваффақиятҳои зиёд, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳснок ва посухи иловагиро тақозо менамоянд:

1) Дар таклифи ҳафтуми амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф қайд менамояд, ки дар зербанди 28-уми моддаи 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» мушаххасот оиди аз тарафи раиси вилоят, шаҳр, ноҳия тасдиқ намудани низомнома ва оинномаҳои ташкилоту муассисаҳо ва корҳонаҳо илова карда шавад. Аз диссертант пурсида мешавад, ки вобаста ба зарурати ворид намудани иловаи мазкур ва асоснокии он мавқеи худро баён намояд.

Мулоҳизаҳои баёншуда ба баҳои умумии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу баррасии автореферати диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод ба хулосае омадан мумкин аст, ки муаллифи он ҳангоми навиштани рисолаи диссертатсионӣ дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қобилияти баланди эҷодкориро аз худ нишон додааст. Мазмуни автореферати диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод таҷассумгари он аст, ки мавзуи таҳқиқот дар шароити имрӯза мубрам мебошад ва он ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Муқарриз:

Мушовири Директори генералӣ-
сардори шуъбаи аудити дохилии
ҶСК "НБО Роғун"
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ С.А. Қиёмидинов

Имзои А.С.Қиёмидиновро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳои
ҶСК "НБО Роғун" С.А. Абдулаҳадзода

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735417, Роғун, кӯчаи Сохтмончиён 40. Факс: (992 3134) 22435, E-mail: info@rogunges.tj

«3» 05 2024 с.